Дар ҳақиқат, сабуктарин (камазобтарин) кас аз аҳли дӯзах он шахс аст, ки барои ӯ ду мӯза ва ду банди мӯза аз оташ мебошанд. Аз гармии он мағзи сари ӯ ҷӯш мезанад, мисли он ки дег меҷӯшад. Бо вуҷуди ин, ӯ гумон мекунад, ки азоби касе аз азоби ӯ сахттар нест, дар ҳоле ки ӯ сабуктарин азобро дар миёни аҳли дӯзах дорад

Аз Нуъмон ибни Башир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Дар ҳақиқат, сабуктарин (камазобтарин) кас аз аҳли дӯзах он шахс аст, ки барои ӯ ду мӯза ва ду банди мӯза аз оташ мебошанд. Аз гармии он мағзи сари ӯ ҷӯш мезанад, мисли он ки дег меҷӯшад. Бо вуҷуди ин, ӯ гумон мекунад, ки азоби касе аз азоби ӯ сахттар нест, дар ҳоле ки ӯ сабуктарин азобро дар миёни аҳли дӯзах дорад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар додааст, ки сабуктарин (камазобтарин) аҳли дӯзах дар рӯзи қиёмат касест, ки ду пойафзол ва ду банди пойафзоли оташин бар ӯ бошад ва аз гармии онҳо сару майнааш ҷӯш мезанад, чунон ки деги мис ҷӯш мезанад. Ӯ гумон мекунад, ки ҳеҷ касе сахттар аз ӯ азоб намекашад, дар ҳоле ки воқеан азобаш сабуктарин аст. Ин ба он сабаб аст, ки азоби ҷисмӣ ва руҳӣ бар ӯ ҷамъ шавад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4220